**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА- 021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионӣ №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.09.2025, № 108

Барои сазовор донистани Давлатов Ифтихор Асрорович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №22/шд) аз 3-юми июли соли 2025 бо суратҷаласаи №104 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Ифтихор Асрорович 11-уми октябри соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси лингвистика (ҳуҷҷатнигорӣ) хатм намудааст.

Солҳои 2013-2016 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори таҳқиқӣ машғул гардидааст.

Солҳои 2021-2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда, аз соли 2023 то ин замон муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории муассисаи мазкур мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна.**

**Муқарризони расмӣ**: **Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои Шарқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва **Ёраҳматзода Шодиҷон Рамазон** – номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба корҳои илмӣ ва

таълимии Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ **Иброимова Гуландом Наимовна**; эксперт – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи мазкур **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич**, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ **Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна** имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Давлатов, И. А. Назаре ба таърихи сарнавишти баъзе истилоҳоти забони тоҷикӣ / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/10. – С. 129-132.

[2-М]. Давлатов, И. А. Истилоҳоти маъмурӣ-коргузорӣ ва нақши он дар низоми истилоҳоти забони тоҷикӣ / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/2. – С. 19-21.

[3-М]. Давлатов, И. А. Нақши пасвандҳо дар сохтани истилоҳоти маъмурию коргузорӣ / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 72-77.

[4-М]. Давлатов, И. А. Хусусиятҳои маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. №3. – С. 75-81.

[5-М]. Давлатов, И. А. Ҷанбаҳои маъноии истилоҳоти маъмурии иқтибосӣ дар матни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2023. – №2 [50]. – С. 40-45.

[6-М]. Давлатов, И. А. Корбурди муродифот дар истилоҳоти маъмурию коргузорӣ /И. А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С. 108-115.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Давлатов, И. А., Абдураҳмонова, М. Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи истилоҳоти маъмурӣ-коргузорӣ / И. А. Давлатов, М. Абдураҳмонова // Масъалаи вожагузинӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ-форсӣ. Маводди конференсияи байналмилалӣ (Душанбе, 27-уми июли соли 2015). – Душанбе, 2016. – С. 68-74.

[8-М]. Давлатов, И. А. Мухтасари хусусияти маъноии истилоҳоти маъмулию маъмурии туркӣ ва туркӣ-муғулӣ дар забони тоҷикӣ / И. А. Давлатов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо» (Душанбе: ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 30.11.-01.12.2021). – Душанбе, 2021. – С. 124-129.

[9-М]. Давлатов, И. А. Мавқеи пешвандҳо дар ташаккули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ / И. А. Давлатов // Маводди конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» (Душанбе: ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 11.04.2022-16.04.2022). – Душанбе, 2022. – С.14-17.

[10-М]. Давлатов, И. А. Шарҳи маъноии истилоҳоти бахши маъмуриву коргузорӣ дар забони адабии тоҷик / И. А. Давлатов // Маводди конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Самтҳои афзалиятноки

пажуҳиши гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 22.04.2024-27.04.2024). – Душанбе, 2024. – С. 6-12.

[11-М]. Давлатов, И. А. Нишонаҳои савтии истилоҳоти иқтибосии маъмурию коргузорӣ / И. А. Давлатов // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 05.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 142-147.

[12-М]. Давлатов, И. А. Мавқеи истилоҳоти иқтибосӣ дар низоми коргузорӣ / И. А. Давлатов // Маҷмуаи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони ««Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳувийяти миллӣ» (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 27-28-уми ноябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 558-567.

[13-М]. Давлатов, И. А. Истилоҳоти содаву сохтаи маъмурию коргузорӣ ва дараҷаи корбурди он дар низоми коргузорӣ / И. А. Давлатов // Маҷмуаи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Аҳаммияти омӯзиши забонҳои романӣ-германӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва вазъи омӯзиши онҳо дар Тоҷикистон» (Душанбе: ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 21.02.2025). – Душанбе, 2025. – С. 285-298.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» **Низомӣ Санавбар Фахрӣ** мусбат буда, дар радифи зикри дастовардҳои илмӣ эроди зерин оварда шудааст:

– Вожаи паноҳанда (36) сохта аст, на мураккаби омехта.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» **Амлоев Аминҷон Ятимович** мусбат буда, ҳамзамон, ба овардани дастовардҳои илмӣ эродҳои зерин зикр шудаанд:

1. Дар шакли русии автореферат баъзе ҷумлаҳо ба таҳрир ниёз доранд.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 4, 10, 26) ба назар расид, киислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Арабзода Фирӯз Ҳамрохон** мусбат буда, ба норасоии зерин ишора шудааст:

– Дар автореферати мавриди тақриз бо вуҷуди дастовардҳо камбудиҳои ҷузъӣ, ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ низ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати кор мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- **муайян карда шудааст**, ки дар истилоҳоти маъмурию коргузорӣ хусусиятҳои луғавӣ асос буда, мутобиқати савтӣ муҳим мебошад;
- таърихи пайдоиши низоми истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар таърих ва забони муосири тоҷикӣ **баррасӣ гардида,** умумият ва фарқияти давраҳои мазкур **муайян карда шудааст**;
- мавқеъ ва ҷойгоҳи фарҳангҳои тафсирӣ дар ташаккули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ **таъин гардидааст**;
- таҳқиқ **собит намудааст,** ки замони Истиқлол марҳилаи нав дар ташаккули истилоҳоти маъмурию коргузорӣ маҳсуб меёбад;
- хусусиятҳои махсуси семантикии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ **мушаххас карда шудааст;**
- ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии маъмурию коргузорӣ дар ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо мисолҳо **дақиқ ва муайян карда шудааст;**
- **собит карда шудааст**, ки муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ ба раванди рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ таъсири манфӣ мерасонад;
- меъёрҳои асосии интихоби истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ **мушаххас карда шудааст**.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки назарияҳои навини истилоҳ, истилоҳшиносӣ, таърихи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккули ин қабати лексикӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии онҳо баррасӣ шуда, нақши истилоҳоти иқтибосии маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ дақиқу муайян карда шуда, ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии байналхалқӣ дар низоми истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ва мансубияти забонии онҳо муқаррар карда шудааст.

Натиҷаҳои аз пажуҳиш бадастовардашударо метавон ба сифати маводди таълимӣ дар факултетҳои филология ва истисоси ҳуҷҷатшиносӣ барои донишҷӯён истифода кард. Ҳамчунин, калимаву истилоҳоти маъмурию коргузорие, ки зимни таҳқиқ ошкору муайян карда шудаанд, дар таълифи вожаномаи ҳуҷҷатнигорӣ, луғати тафсирии коргузорӣ ва дафтардорӣ, баргузории дарсҳои амалӣ дар ихтисосҳои ҳуҷҷатшиносӣ ва таъмини ҳуҷҷатии идораи донишгоҳу донишкадаҳо метавонад истифода гардид.

Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи диссертатсия аз таҷрибаи илмии муҳаққиқони забоншиноси ватаниву хориҷӣ, ки доир ба истилоҳ, истилоҳшиносӣ, махсусан, дар истилоҳоти маъмурӣ коргузорӣ пажуҳиш анҷом додаанд, истифода шудааст. Зимни баррасии масъалаҳои меҳварии диссертатсия асарҳои олимону муҳаққиқон, аз ҷумла Д. С. Лотте, В. П. Даниленко, В. А. Лившитс, Л. С. Пейсиков, Л. П. Смирнова, Н. М. Локтионова, Н. П. Кириленко, Д. Саймиддинов, М. Н. Қосимова, С. Назарзода, М. Ҳ. Султон, С. Сулаймонов, Т. Қ. Ҷӯраев, П. Нуров, А. Байзоев, Ш. Қ. Тӯраҳасанов ва дигарон истифода шуда, ба афкори назарии онҳо истинод шудааст.

Дар таҳлилу таҳқиқи маводди гирдоваришуда ва масъалаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ аз методҳои анъанавии забоншиносӣ – методҳои таҳлили луғавию маъноӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷаҳои амалии диссертатсияро зимни навиштани мақолаву рисолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ аз фанни ҳуҷҷатшиносӣ метавон истифода кард. Маводди рисола ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант барои истифода дар дарсҳои назарӣ ва амалӣ аз фанни истилоҳшиносӣ ва лингвистикаи ҳуҷҷат мувофиқанд. Ҳамчунин, хулосаҳои илмии диссертатсия метавонанд барои таҳияи барномаи таълимӣ аз фанни асосҳои коргузорӣ ва дафтардорӣ, китобҳои дарсии марбут ба истилоҳоти соҳавии забони тоҷикӣ истифода гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар кори диссертатсионӣ аз таҳқиқоти забоншиносони ватанию хориҷӣ, истилоҳшиносон ва сарчашмаҳои таърихӣ дар сатҳи зарурӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷамъоварӣ, таснифи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, коркарди маводди пажуҳиш, мувофиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ, теъдоди интишорот доир ба мавзуъ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар заминаи таҳлили илмӣ пешниҳод шуда, натиҷаҳои бадастомада аз фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки амиқи масъалаҳои дар диссертатсия тарҳрезишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, тавсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мушаххас баён гардидани мавқеи ӯ доир ба мавзуи пажуҳиш муайян менамояд. Ҳамчунин, саҳми бевоситаи муаллифи рисола дар он зоҳир мегардад, ки мавсуф ҷанбаҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, истилоҳоти дар соҳаи маъмурию коргузорӣ истифодагардидаро аз лиҳози сохтор ва маъно таҳлилу баррасӣ намудааст. Муносибати методологии муаллиф ба мавзуи мавриди таҳқиқ

саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасӣ ва таҳқиқи истилоҳот, муайян сохтани арзиши илмии ин воҳидҳои луғавӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17-уми сентябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Давлатов Ифтихор Асрорович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,<br>
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,<br>
номзади илмҳои филологӣ — Мирзоёров Ф.Н.

17.09.2025.